# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба Амирзода Фарнуш Амир дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар даҳсолаҳои охир дар амалияи татбиқи ҳуқуқ ва истифодаи қонунгузории амалкунанда таҷрибаи назаррас гирд оварда шудааст ва ин нишон медиҳад, ки қонунҳои асосии оид ба иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ соли 1992 қабулшуда барои фаъолият ва танзими ҳуқуқии фаъолияти чунин ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ заминаи муассирро фароҳам оварад. Дар баробари ин, зиёд гардидани шумора ва гуногунрангии чунин иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ, рушди намудҳои гуногуни фаъолият, муносибати навро вобаста ба танзими ҳуқуқии фаъолияти онҳо тақозо менамояд. Баъди зиёда аз 20 соли мавҷудияти қонунгузории асосӣ, вақти таҳлили самаранокии он ва ворид намудани тағйироти зарурӣ, пурра ва такмил додани он расидааст.

Бо вуҷуди он ки дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМ ҶТ) се моддаи алоҳида («М. 129. Иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ (ассотсиатсия ва иттифоқ), М. 130. Ҳуҷҷатҳои таъсисии ассотсиатсия (иттифоқ), М. 131. Ҳуқуқу уҳдадориҳои аъзои ассотсиатсия (иттифоқ)») мавҷуд бошад ҳам, аммо иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ яке аз масъалаҳои баҳсбарангез дар ҳуқуқи маданӣ боқӣ мондааст. Муносибатҳои марбут ба таъсис, фаъолият ва қатъи иттиҳодияҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар асоси шартнома дар қонунгузории мадании Тоҷикистон ба низом дароварда нашудаанд. Ин дар навбати худ боиси ба миён омадани норасоиҳо дар танзими ҳуқуқӣ мегардад. Вобаста ба ин, зарурати таҳлили муфассали назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии асотсиатсияҳо (иттифоқҳо) ба миён омадааст. Чунин зарурат бо қабули «Консепсияи рушди қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» алоқаманд аст, ки барои рушди иқтисодиёт, такмили қонунгузории маданӣ бо роҳи пурра бартараф намудани камбудиҳои дар он мавҷудбуда равона шуда бошад.

Яке аз масъалаҳои ҳуқуқии ҳалталаб муайян намудани меъёрҳои узвият дар ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) мебошад. Дар қонунгузории маданӣ ба саволи он ки оё ба чунин иттиҳодияҳо метавонанд танҳо ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ё тиҷоратӣ дохил шаванд ё ба ҳайати омехта ё иштироки соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони воқеӣ иҷозат дода мешавад, ҷавоби аниқ дода нашудааст. Тафовут дар ҳадафҳо ва қобилияти ҳуқуқии ташкилотҳо

ҳангоми муттаҳидшавӣ (ба асотсиатсияҳо) душворӣ эҷод мекунад, ки қонунӣ ва самаранокии фаъолияти муштараки онҳоро зери шубҳа мегузорад. Вобаста ба ин, зарурати таҳлили муфассали назариявии шаклҳои иттиҳодияҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дар қонуни мадании Тоҷикистон пешбинӣ шуда, ба миён омадааст.

Ҳамин тавр, ҳолатҳои дар боло зикршуда, инчунин холигии қонунгузорӣ дар танзими фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо), аз ҷумла аҳамияти ин ниҳоди ҳуқуқӣ ва нақши он дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ аҳамияти мавзӯи пажӯҳиш ва баррасии ин масъаларо муайян намуданд.

Бинобар ин, мавзуи диссертатсияи Амирзода Фарнуш Амир воқеан муҳим буда, таҳқиқоти саривақтӣ, мубрам ба ҳисоб меравад.

Амирзода Фарнуш Амир соли 2013 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ихтисоси ҳуқуқшинос умумӣ дохил шуда, онро соли *2018* аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшинос умумӣ хатм намудааст.

Аз соли 2020 ба ҳайси ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон то ба ҳол фаъолият намуда истодааст.

Кори диссертатсионии ҳуқуқшинос умумӣ аз муқаддима, 3 боб 6 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаҳои омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

**Боби аввали диссертатсия** бо унвони «**Таъмини ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо)**» бахши муҳими кор буда, муаллиф дар он мафҳум ва намудҳои ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо), табиати ҳуқуқии онҳо ва тартиби таъсиси ассотсиатсияҳоро таҳлили муфассал мекунад. Дар ин бахш ба аҳаммияти назариявӣ ва амалии фаъолияти ассотсиатсияҳо ҳамчун ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва зарурати таҳлили амиқи мақоми ҳуқуқии онҳо дар доираи қонунгузории мавҷуда таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Дар оғози боб муаллиф мафҳуми ва намудҳои ассотсиатсияҳоро ошкор намуда, нақши онҳоро дар заминаи иқтисодӣ ва молиявии муосир таъкид мекунад. Дар ҷаҳони муосир бо рушди босуръати муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ таъсиси иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ махсусан муҳим аст. Имрӯз чунин сохторҳо на танҳо дар соҳибкории хусусӣ, балки дар бахши давлатӣ ҳамчун шакли самараноки фаъолияти ташкилотӣ васеъ истифода мешаванд. Онҳо хатарҳои ҳуқуқиро кам намуда, ба шаффофияти бештари идоракунӣ барои муассисон ва саҳмдорон мусоидат мекунанд. Воқеияти ҳуқуқии муосир

эътироф намудани иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқиро ҳамчун шахси ҳуқуқии мустақил талаб мекунад.

**Боби дуюми** диссертатсия бо унвони «**Асосҳои меъёрӣ – ҳуқуқии танзими фаъолияти иттиҳодияи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**» номгузорӣ шудааст. Дар ин боб таҳлили амиқи асосҳои ҳуқуқии ассотсиатсияҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ анҷом дода мешавад, ки омӯзиши санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва механизмҳои амалии онҳоро дар фаъолияти ассотсиатсияҳо дар бар мегирад. Таваҷҷуҳи махсус ба ҷанбаҳои ҳуқуқие дода мешавад, ки мақоми ҳуқуқии ассотсиатсияҳоро муайян мекунанд.

Танзими ҳуқуқии фаъолияти онҳо барои таъмини адолат, устуворӣ ва самаранокии фаъолияти онҳо аҳамияти ҳалкунанда дорад. Танзими ҳуқуқии фаъолияти иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ дар таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои аъзои онҳо нақши асосиро мебозад. Қонунгузории амалкунанда қоидаҳоеро муқаррар намудааст, ки шаффофият, масъулият ва принципҳои демократиро дар ҳаёти дохилиташкилии ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳо таъмин мекунанд. Ин қоидаҳои муқарраргардида, тартиби қабули қарорҳо, ҳисоботи молиявӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Дар асоси меъёрҳои мазкур, ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳо метавонанд манфиатҳои аъзои худро самаранок намояндагӣ ва дар сурати пайдо шудани низоъ ва баҳсҳо, ҳуқуқҳои онҳоро ҳимоя кунанд.

Аз ин рӯ, таҳқиқот таҳлили стандартҳо ва амалияҳои байналмилалии муосирро, ки ба рушди қонунгузорӣ дар ин соҳа таъсир мерасонанд, фаро мегирад.

**Боби сеюми** таҳқиқоти диссертатсионӣ – «**Шаклҳои ташкилӣ – ҳуқуқии ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо)**» унвон дорад. Дар ин бахш ҷанбаҳои калидии табиати ҳуқуқии иттиҳодияҳо, ки нисбат ба иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ – тиҷоратӣ ба миён меоянд, инчунин механизмҳое, ки вазъи ҳуқуқии ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо)-ро ҳамчун ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ муайян ва таъмин мекунанд, ба таври муфассал таҳлил карда мешаванд.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд. Феҳристи адабиёт мутобиқ ба мавзуи матраҳшуда буда, истинодҳо барои тақвияти пешниҳоди илмӣ мувофиқ ба матлаб истифода шудаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Мухтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Амирзода Фарнуш Амир дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон:

масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва
тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мавлоназарзода О.А.

Суроға: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, м. Буни Ҳисорак
Тел.: (+992) 500000909

**Имзои** Мавлоназарзода О.А.**-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

«28» 11 соли 2025

Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj